«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
__________ Раҷабзода М.Н.
«28» ____08_____ 2025 сол

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ ҳануз дар давраҳои пеш ба мушоҳида мерасид. Дар давраи амали ҳуқуқи шуравӣ чунин таъсиррасонӣ хеле назаррас буд. Чунки

қабули муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ба монанди паймонҳо, конвенсияҳо, эъломияҳо ва амсоли инҳо Иттиҳоди Шуравиро водор намуда буд, ки низоми қонунгузории худро ба талаботи санадҳои байналмилалӣ мувофиқ намояд. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва мустақил гардидани кишварҳои он чунин раванд дар кишварҳои алоҳида боқӣ монд. Дар Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳо истиқлолият эълон гардида, дар ин асос барои ташкили низоми нави ҳуқуқӣ замина фароҳам оварда шуд. Аммо, низоми ҳуқуқии навташкил аз таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ дур буда наметавонист. Ҳамин тавр, дар ташаккул ва мукаммал гардидани низоми ҳуқуқии миллӣ ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири калон гузоштааст. Аммо, лозим аст, ки раванди таъсиррасонӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ дар шакли мусбӣ ва мувофиқ ба манфиату арзишҳои миллӣ роҳандозӣ гардад. Чунин ҳолат омӯзиши масъалаи таъсири ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқи миллӣ боз ҳам мубрам мегардонад.

Имрӯз тамоми кишварҳо дар таҳияи қонунгузории миллӣ ва ташаккули дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ такя менамоянд. Тоҷикистон як ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки ин дар муқаддимаи Конститутсияи кишвар дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, дар ташаккули низоми ҳуқуқии худ аз ҳуқуқи байналмилалӣ ҷудо нашуда, баръакс, аз тавсияҳо ва дигар масъалаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба манфиатҳои миллии кишвар мухолиф намебошанд, самаранок истифода менамояд. Тоҷикистон худ як субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ буда, дар муносибатҳои ҳуқуқии он ширкат меварзад. Аммо, қабл аз ворид шудан ба чунин муносибатҳо бояд онҳо ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор гирад. Зеро бархе аз муносибатҳои байналмилалӣ метавонад ба фарҳангу маданият ва низоми ҳуқуқи миллӣ мувофиқ набошанд. Бахусус, қабл аз эътироф ва ё тасдиқи ҳар як санади ҳуқуқи байналмилалӣ бояд онҳо пурра аз назар гузаронида шуда, мутобиқатии онҳо ба фарҳангу тамаддуни миллӣ муайян карда шаванд.

Айни замон ҳамкориҳои берунаи Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии минтақавию универсиалӣ бо маром афзоиш ёфта истодаанд, ки чунин раванд сатҳи таъсири ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми ҳуқуқи миллӣ дучанд мегардонад. Дар ин раванд, ба ҳифзи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ бояд таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад. Муаллифи таҳқиқот дар ин хусус бамаврид изҳор доштааст, ки «Дар шароити муосир дар раванди равобити мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ давлат, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои миллӣ такя мекунад».

Дар рафти омодасозии диссертатсия муаллиф талош варзидааст, то ки ҳама ҷанбаҳои зарурӣ ва муҳимми мавзуи мазкурро вобаста ба вазифаҳои гузоштташуда инъикос намояд, ки ин аз мукаммалии таҳқиқоти илмии анҷомёфта шаҳодат медиҳад. Бо назардошти нуктаҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф Ҳасанзода Ш.М. дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштташударо инъикос менамоянд. Дар он масъалаҳои назариявии таъсири мутақобилаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, ҳамкории мутақобилаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, муносибати байни субъектони онҳо, инчунин, таъсири мутақобилаи принсипҳои назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Муаллиф аҳаммияти таҳқиқоти анҷомпазируфтаро дуруст шарҳ додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот уфуқҳои навро барои омӯзиши чунин падидаи ҳуқуқӣ, ба мисли консепсияҳои мавҷудаи равобити ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, субъекти онҳо, сарчашмаҳо ва принсипҳо кашф намояд ва аз ҷиҳати амалӣ бошад, хулосаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди минбаъдаи он мусоидат карда, фаъолияти татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар ҳудуди Тоҷикистон дар шароити бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ беҳтар кунанд (саҳ. 16). Таҳқиқбаранда аз методҳои тадқиқотӣ ба маврид истифода бурда, вазифаҳои гузошташударо аз ҳар дидгоҳ матраҳ намудааст, ки хоси чунин таҳқиқотҳои илмӣ мебошад.

Яке масъалаҳои баҳсноке, ки ба масъалаи таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ марбут мебошад ин бартарияти санадҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ мебошад, ки онро қонунгузории кишвар расман муқаррар кардааст. Албатта, байни олимону муҳаққиқон оид ба ин масъала назарҳои мухолиф мушоҳида мегардид. Ин масъаларо муҳаққиқ ҳамаҷониба баррасӣ намуда, дар таҳқиқот пешниҳод намудааст, ки «дар мод. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва мод. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» афзалияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дарҷ карда шавад». Мавриди зикр аст, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро ки қувваи олии ҳуқуқӣ доштани Конститутсия дар қисми аввали моддаи 10-и он зикр шуда, баъдан дар қисми сеюм аз бартарияти санадҳои байналмилалӣ ишора мегардад. Маълум аст, ки арзишҳои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистонро танҳо Конститутсия ҳифз карда метавонад, пас қувваи ҳуқуқи он аз санадҳои байналмилалӣ низ бояд болотар бошад.

Умуман, хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Ш.М. манзургардида бори дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки дар воқеъ диссертатсия анҷомёфта ба ҳисоб меравад, чунки хулосаву тавсияҳо, масъалагузорӣ аз ҷиҳати амалии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, тамоми паҳлуи зарурии корро дар бар мегиранд ва ҳамаи онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснокананд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар интихоби мавзуи мубрам, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муҳаққиқ дар заминаи методҳои илмӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд, ифода мегардад. Муҳаққиқ аз сарчашмаҳои илмию қонунгузорӣ самаранок истифода намуда, вазифаҳои таҳқиқотро низомнок ҳаллу фасл намудааст. Хулоса ва таклифҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд, мубрамияти таҳқиқот ва навгонии онро ифода мекунанд.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти мазкур аз ҳар ҷиҳат нав ва мубраму саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Ин нуктаро навгониҳои назариявию амалии таҳқиқот бозгӯ менамоянд. Хулоса ва таклифҳои таҳқиқот аз мафҳуму консепсия ва назарияҳои нави муаллиф, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар иборат мебошанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи методҳои илмии санҷидашуда, аз он ҷумла, диалектикӣ, низомнок, сохторӣ-функсионалӣ ва ғайра таъмин гардидааст.

Хулосаҳои илмии муаллиф ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошад.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмиву амалии рисола дар он ифода мегардад, ки тамоми натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ баҳри такмили қонунгузории кишвар ва дигар ниҳодҳои зарурӣ мусоидат намоянд. Хулосаю таклифҳои дар таҳқиқот дарҷгардида метавонанд дар таҳияи адабиёти илмӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ ва соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ хизмат намуда, дар ташаккули илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саҳмгузор бошад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардашуда метавонанд дар раванди ҳамкории Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, ҳангоми имплементатсияи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусияти иқтисодидошта дар қонунгузории миллӣ, бастани шартномаҳои ҳамкории дуҷонибаю бисёрҷониба бо субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ, ки хусусияти тиҷоратию иқтисодӣ доранд ва дигар самтҳои ба ин монанд ёрӣ расонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомпазируфта ҳамзамон дорои аҳаммияти баланди иҷтимоӣ мебошад. Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалию минтақавии гуногун дар ҳамкори иҷтимоӣ қарор дошта, ҳамзамон, бо дигар кишварҳо низ дар ин самт шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Ғайр аз ин, аксар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муҳимтарин ҳуқуқҳои иҷтимоӣ (ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра)-ро мустаҳкам намудаанд, ки аллакай дар қонунгузории амалкунандаи кишвар инъикос гардидаанд. Ҳамин тавр, дар самтҳои зикргардида хулосаю таклифҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ёрӣ расонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро истифодаи

бамавриди методҳои илмӣ, муҳокимаронӣ ва хулосабрории муаллиф ифода менамоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро ҳамзамон эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни таъсисри ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида асос меёбанд.

Ба эътимоднокии таҳқиқот истифодаи асарҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси тоҷик ва хориҷӣ, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии кишвар ва санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, мусоидат мекунад. Дар баробари ин, муаллиф на танҳо аз таҳқиқоти назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, балки аз сарчашмаҳои соҳавӣ, ки ин ё он ҷиҳати масъалаҳои марбут ба мавзуи рисоларо фаро гирифтаанд, васеъ истифода кардааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиши доираи васеи маводи илмӣ ва эмпирикӣ, бо таҳлили назарияҳо ва муносибатҳои мавҷуда ба равобити мутақобилаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, пешниҳодҳои мушаххасро оид ба таҳияи механизму воситаҳо ва қоидаҳои равобити онҳо ва қоидаҳои ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мамлакат ироа кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 6 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои таъсиси ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Ҳасанова Ш.М. Ҷанбаҳои назариявии ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Маҷаллаи академии ҳуқӯқ.– Душанбе, 2021.– №1 (37). – С. 189-193. ISSN 2305-0535

2. Ҳасанова Ш.М. Источники внутригосударственного и международного права Республики Таджикистан [Текст] / Ш.М. Ҳасанова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2022.– №3 (43). – С. 187-190. ISSN 2305-0535

3. Ҳасанова Ш.М. Таносуби консепсияҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023.– №2. – С. 256-261.ISSN 2413-5151

4. Ҳасанова Ш.М. Системаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023.– №3. – С. 251-256. ISSN 2413-5151

5. Нематов А.Р., Хасанова Ш.М. Взаимодействие внутригосударственного и международного права в Таджикистане в условиях глобализации и мировых вызовов [Текст] / А.Р. Нематов, Ш. М. Хасанова // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской

академии МВД России. – Н. Новгород, 2024. – №3 (67). – С. 71-80. ISSN 2078-5356

Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дарачаи ба итмом расонидани он. Сохтор ва ҳачми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 187 саҳифаро дар бар мегирад.

**Боби якум** – «Асосҳои умуминазариявии таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ» ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад. Боби мазкур ба омӯзиши асосҳои умумии назариявии консепсияҳои мавҷудаи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, таъсири мутақобилаи сарчашмаҳо, субъектҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, инчунин таносуб ва фарқияти байни онҳо, умумият ва хусусияти онҳо бахшида шудааст.

Зимни таҳқиқи боби мазкур муаллиф таносуб ва таъсри мутақобилаи сарчашмаҳо, принсипҳо, субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатиро нишон додааст. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки таъсири принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ равшан аст. Дар таҳияи аввалин санадҳои ташкилкунандаи давлат принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ замина гузошта буданд. Эъломияи истиқлоли давлатӣ, конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ҳамчун табдилдиҳанда, низоми пайвандгари ҳуқуқи миллӣ ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ хидмат карданд (саҳ. 87-88).

**Боби дуюм** – «Масоили татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуда, аз 2 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур шаклҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ таҳлил карда шудаанд.

Муаллиф, назарияҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро дар низоми ҳуқуқи миллӣ таҳлил намуда, таносуби онҳоро муайян кардааст. Аз ҷумла, изҳор доштааст, ки ҳама интихоби усули иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ ва шакли имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллии кишвар дар ихтиёри худи давлатҳо қарор дорад. Барои ноил шудан ба таъсири бештар, бояд ҳарду усул истифода шаванд. Дар аввал пас аз бастани шартномаи навбатии байналмилалӣ то он даме, ки мақомоти дахлдори миллӣ муқарраротн онро дар қонунгузории дохилӣ ворид накунанд, шартнома бевосита татбиқ карда мешавад (саҳ. 103).

**Боби сеюм** – «Ҳолати кунунӣ ва дурнамои таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз 2 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин механимзҳои такмили равобити ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муҳаққиқ сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистонро дар самти ҳуқуқи байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода, ҷиҳати такмили он андешаҳои асоснок манзур кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ зикр намудааст, ки ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба эъломияҳо, конвенсияҳо ва паймонҳои сершумори байналмилалӣ на танҳо дар такмил, балки маҷмуан дар рушди низоми қонунгузории дохилии кишвар нақши назарраси мусбат бозида, ба таҳияи як қатор санадҳои қонунгузорӣ мусоидат намуд. Инро дар соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, зистшиносӣ, дигар соҳаҳо ва маҷмуи қонунгузориҳо мушоҳида кардан мумкин аст (саҳ. 143).

Умуман, дар бобҳои зикршуда паҳлуҳои гуногуни вазифаҳои гузошташуда мавриди таҳлили пурра ва ҳамаҷониба қарор гирифта, ҳалли мушкилиҳо ва дурнамои он нишон дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст, ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқгардида, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Ҳасанзода Шаҳноза Музафар ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Дар қисми 3, моддаи 10 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, ки "Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд". Маълум аст, ки меъёри мазкур аз афзалияти санадҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ ишора менамояд. Аммо, муаллифи рисола қайд намудааст, ки "афзалияти шартномаҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутлақ ва қатъӣ нест" (саҳ. 162). Ба фикри мо, андешаи муаллиф баҳсбарангез ба назар мерасад, чунки қатъяти меъёри конститутсиониро зери шубҳа гузоштааст. Аз ин рӯ, аз муаллиф пурсида мешавад, андешаи худро дар рафти ҳимояи ошкорои рисолаи илмӣ равшан намояд.

2. Муҳаққиқ дар боби якуми рисола оид ба таъсири мутақобилаи сарчашмаҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ таҳқиқоти васеъ анҷом дода, таъсири сарчашмаҳо ва приснипҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба ҳуқуқи дохилидавлатии Тоҷикистон равшан нишон додааст. Аммо дар таҳқиқот оид ба таъсири сарчашмаҳо ва принсипҳои дохилидавлатии Тоҷикистон ба ҳуқуқи байналмилалӣ андешаи возеҳ ба назар намерасад. Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта, таъсири сарчашмаҳо ва принсипҳои дохилидавлатии Тоҷикистонро ба ҳуқуқи байналмилалӣ бо мисолҳо нишон диҳад.

3. Пажуҳишгар зимни таҳқиқи масъалаи консепсияи таъсири мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ назарияҳои монистӣ ва дуалистиро ба таври равшан матраҳ намуда, дар анҷом назарияи омехтаро ҷонибдорӣ кардааст. Норавшан он аст, ки муаллиф дар таҳқиқот назарияи омехтаро шарҳ надода, пас аз баррасии назарияи дуалистӣ ва монистӣ якбора назарияи омехтаро ҷонибдорӣ кардааст. Ҳамзамон, муаллиф ҷонибдории худро аз назарияи омехта асоснок

накардааст. Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки атрофи назарияи омехта каме равшанӣ андохта, ҳамзамон ҷонибдории худро аз чунин назария асоснок намояд.

Эрод ва масъалаҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 20 августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобохонов Ф.А. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01), дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 9 нафар ҳама иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 9, “зид” - нест, “бетараф” - нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №1 аз 20 августи соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи
давлатии Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Зокирзода З.Х.

**Ташхисгар:** дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва
идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобохонов Ф.А.

**Котиби ҷаласа:** дотсенти кафедраи ҳуқуқ
ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ализода И.И.

Имзои Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А.,
ва котиби ҷаласа Ализода И.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои

махсуси Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

**Суроға:** 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддин 63. Тел: (992) (8)313121103, 985515559, E-mail: dot.rahst@mail.ru

«26» 08 соли 2025.